**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии тоҷик – типологияи муқоисавӣ бахшида шудааст. Омӯзиши муқоисавӣ-типологии забонҳо, бахусус забонҳои бехатти Тоҷикистон, ки дар шароити кунунии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун амри зарурӣ воқеъ гардидааст, дар илми забоншиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Ҳалли дурусти ин масъала ба беҳтар гардидани омӯзишу таҳқиқи забонҳои мазкур ва муҳайё намудани шароити созгор ҷиҳати ҳифозати онҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар нимаи дуюми асри XX ба сабаби афзудани таваҷҷуҳи донишмандон ба муқоисаи забонҳо дар ин самт як қатор корҳои илмӣ анҷом дода шудаанд. Дар Тоҷикистон омӯзиши типологии забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар аз мақолаи Л.А.Букатина бо номи «Дар бораи муқоисаи системаи фонетикии забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ» (1952) оғоз меёбад. Хизмати олимон Успенская Л.В., Шаҳобова М.Б., Мошеев И.Б., Ҷамшедов П. ва дигарон дар ин самт хеле бузург аст. Хушбахтона, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳқиқи типологии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои гуногуннизом бештар авҷ гирифта, паҳлуҳои нави таҳқиқоти муқоисавии забонҳо, аз ҷумла муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо рӯйи кор омад.

Таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун ифодакунандаи фаъолияти зеҳнии инсон дар забонҳои бехатти Тоҷикистон, аз ҷумла забони вахонӣ ва бо забонҳои хориҷӣ аз ҷумла забони англисӣ, ки бори нахуст ба таври системавӣ дар диссертатсияи Парвоева Н.З. ба анҷом

расидааст, дорои аҳамияти хосае мебошад. Бинобар ин интихоби мавзуъ дуруст ва воқеъбинона мебошад.

Муаллиф диссертатсияро аз муқаддима, се боб, хулоса, бахши тавсияҳо ва феҳристи адабиёт мураттаб намуда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усул ва методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, саҳми шахсии унвонҷӯ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ, этимоднокӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия доир ба масъалаҳои назариявии марбут ба зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ, бахусус забоншиносии фарҳангӣ, қавмӣ ва муқоисавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби дигар хусусиятҳою вижагиҳои маъноиву мавзуии зарбулмасалу мақолҳо аз назари муқоисавӣ дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ баррасӣ гардиданд. Дар ин боб муаллифи диссертатсия хусусан инъикоси арзишҳои ахлоқиро дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои гуногуннизом тафсир кардааст.

Боби охирро ба муқоисаи вижагиҳои зарбулмасалу мақолҳои дорои унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ бар асоси ҷанбаҳои семантикӣ дар забоншиносии фарҳангию қавмӣ бахшидааст, ки мундариҷаи асосии диссертатсия маҳсуб мегардад.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд камбуду норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии кор ва афзудани арзиши илмию амалии он аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ҳарчанд матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

2. Хуб мешуд, агар муаллиф дар баробари транскрипсия зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ шакли транслитератсия онҳоро низ зикр мекард, то ин ки талаффузи калимаҳо низ фаҳмотар мешуд.

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, диссертатсияи Парвоева Нурчаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи он Парвоева Нурчаҳон Зармастовна ҳамчун муҳаққиқи хуб камол ёфта, сазовори дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебоша

Малихина Л.Ш.
Дотсент, номзади илмҳои филологӣ,
Декани факултети забони англисӣ
Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ)

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел: (+992) 907-99-76-47
e-mail: malykhina77@inbox.ru

Имзои Малихина Л.Ш.
-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо Раҳимов А.А.
«27» 08 соли 2022